Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Холов Тоҷиддин Азизуллоевич ба диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ), ба бандҳои **6; 11; 21 ва 25** Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашудаи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-ро дар бар мегирад.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосир ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамчун омили муҳими мусоидаткунанда ба ташаккули вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва сарчашмаи иловагии сармоягузорӣ ба истеҳсолоти миллии молу хизматрасониҳои он баромад намуда, он бо роҳи таҳияи технологияҳо, ноу хау, усулҳои навини идоракунӣ ва ғайраҳо татбиқ карда мешавад. Аз ин ҷост, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ вобаста ба тағйирёбии мавқеи ҷойгиршавии сармояи байналмилалӣ нақши сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ афзун гардидааст.

Вобаста ба ин, қобили қайд аст, ки сармояи хориҷӣ на танҳо дар умум ба иқтисодиёт, балки ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи он низ таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ҳар як кишвар кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ин ки ҳиссаи ҷалби сармояи хориҷиро ба қаламрави кишвар тақвият диҳад, ки дар ҷода ба кишвар сиёсати самаранок дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ кумак менамояд. Мавриди қайд аст, барои самаранок гардонидани сиёсати сармоягузории хориҷӣ, мебояд то дар самти беҳтарсозии иқлим ва фазои сармоягузорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида

шаванд. Ҳамчунин, зарур аст то ин ки дар қаламрави кишвар иқлим ва фазои устувори сармоягузорӣ ташкил карда шавад. Таҳлилҳо гувоҳи он мебошанд, ки баҳри ташкил ва таъмини иқлим ва фазои мусоиди сармоягузорӣ зарур аст то дар қаламрави кишвар имтиёзҳои андозӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, содагардонии раванди бақайдгирии сармоягузорон ва ғайраҳо таҳия карда шаванд. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минтақаҳо ва соҳаҳои гуногуни сармояталаб зиёд мебошанд, андешидани чунин тадбирҳо заминаи мусоиди рушдро фароҳам меоваранд.

Дар ин хусус, ҳоло мубраммияти таҳқиқи дараҷаи таъсири сармояи хориҷӣ ба бахшҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҳар як кишвар афзун шуда, он дар назди кишвар ва бахшҳои он имкониятҳои гуногунро, аз қабили: ташаккулёбии мавқеи рақобатнокӣ на танҳо дар бозорҳои дохила, балки инчунин дар бозорҳои хориҷӣ низ ба вуҷуд меорад.

Ин аст, ки доктори фалсафа (PhD), вазъи бозори сармояи хориҷиро дар қаламрави кишвар, аз ҷумла дар вилояти Хатлон таҳқиқ намуда, муаммоҳо дар самти мазкур ҷойдоштаро мушаххас ва роҳҳои бартарафсозии онҳоро таҳия намудааст.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертатсия мувафақиятҳои илмии доктори фалсафа (PhD) ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифиро дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар асосноknамоии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти ташаккулдиҳии мавқеи сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон) зоҳир мегардад ва ин ҷанбаҳоро ҳамчун муваффақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, бахши навгониҳои илмии рисола таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ташаккули равандҳои инноватсионӣ, вазъи сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон, хусусиятҳои ҷолибияти минтақа баҳри ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа вобаста ба таъсири сармоягузориҳои хориҷи мустақим ва ғайримустақим ва арзёбии тамоюлҳои дар он ҷойдошта ва дигар нишондиҳандаҳои ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон алоқаманд, ки аз ҷониби муаллиф коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи асосӣ мебошанд ва ба ҳайси навгониҳои илмӣ баромад менамоянд:

1. Муаллиф дар рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявии «сармоягузорӣ»-ро таҳлил намуда, консепсияи муаллифиро оид ба «иқлими мусоиди сармоягузорӣ» дар минтақаи алоҳида асоснок ва нақши сармоягузориҳои

ҷалбшударо дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ошкор намудааст. Бо таҳлили хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии вазъи сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон таҳлили саҳми сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди хоҷагии минтақаи мазкур мушаххас гардида, ақидаи муаллифӣ оиди давраҳоҳои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар минтақа таҳия шудааст.

2. Дар рисола ҷанбаҳои мусбии ҷалби сармоягузории хориҷӣ таҳқиқ шуда, мушаххас гардидааст, дар миёни минтақаҳои кишвар аз рӯйи ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ ва иқтидори гидроэнергетикӣ вилояти Хатлон ҷойи аввалро ишғол менамояд. Илова ба ин, дар диссертатсия асоснок шудааст, ки дар вилояти Хатлон маъданҳои фоиданок ва иқтидори сайёҳӣ-фароғатии нисбатан бой ба чашм мерасад. Ҳамчунин диссертант ҳаҷми сармоягузориро дар қаламрави кишвар таҳқиқ намуда, мушаххас сохтааст, ки қисми зиёди маблағҳои ҷалбшуда ба як қатор кишварҳо, аз қабили: Чин, Олмон, Ҷопон, Люксембург ва ғайраҳо рост меояд. Ошкор гардидааст, ки новобаста аз оне ки давра ба давра ҳиссаи сармоягузориҳо ба минтақаи мазкур ташаккул ёфта истода бошад ҳам, аммо ҳоло ҳам он нисбат ба баъзе минтақаҳои кишвар, ба мисли шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд кам ба назар мерасад. Дар баробари ин, таҳқиқоти диссертант шаҳодати он мебошад, ки ҳоло дар дохили минтақа ба истисноии ноҳияҳои Данғара, Ёвон, Қубодиён ва худи шаҳри Бохтар, дар дигар воҳидҳои маъмурӣ ҳиссаи сармоягузориҳо кам ба назар мерасад.

3. Дар доираи таҳқиқи минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон муайян гардид, ки аз сабаби паст будани сатҳи самаранокии МОИ ”Кӯлоб” ва “Панҷ”, фаъолнокии сармоягузории хориҷии МОИ “Данғара” дар сатҳи паст қарор дорад. Бо ҳисоби ин, дар диссертатсия таҳия шудааст, ки сатҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳои мазкур тақвият ва баҳри ҷалби сармоягузорони хориҷӣ минтақаҳои нави озоди иқтисодӣ таъсис дода шаванд. Гузашта аз ин, дар самти тақвияти раванди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба МОИ ”Кӯлоб”, “Панҷ” ва “Данғара” аз нигоҳи диссертант зарурати ташкили муҳити қулайи сармоягузорӣ бо андешидани як қатор тадбирҳо, монанди: такмили қонунгузории соҳавӣ, ба роҳ мондани тарроҳии касбии бизнес-нақшаҳо, рушди инфрасохтори зарурӣ, модернизатсияи собиқ корхонаҳои азими минтақа, воридоти технологияи муосир ва ғайраҳо мушаххас шудааст.

4. Муаллифи рисола он омилҳоеро, ки эҳтимолияти афзоиши ҳаҷми воридоти сармоягузориҳои хориҷиро ба иқтисодиёти вилояти Хатлон коҳиш медиҳанд, мушаххас ва тадбирҳо оид ба афзоиши ин ҷараён пешниҳод гардидааст, ки ба мисоли баъзе аз онҳо метавон шомил намуд: қутбҳои рушд, таъкид ба кишоварзии экологӣ, баланд бардоштани сармояи инсонӣ, рушди коркарди амиқ, бахусус саноати пахта ва бофандагӣ, рушди хоҷагии

гармхона, парвариши ситрусӣ, рушди бахши истихроҷи маъдан ва ғайраҳо ҳамчун самт барои афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ, пешниҳод шудаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии доктори фалсафа (PhD) Давлатзода Дилшод Шералӣ ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин бахш заминаҳои монеъшавандаи бахши ҷалби сармояи хориҷӣ дар вилояти Хатлон ва дигар тафсирҳои ба ин баробар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, ҳамчун натиҷа ошкорнамоии роҳҳои такмили ҷараёни ҷалби сармояи хориҷӣ ва усулҳои беҳтарсозии фазои сармоягузоиро дар минтақа муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина, бо имкониятҳои нави илмӣ ва амалии мавҷуда, муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Илова ба ин, дар қисмати асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ заминаҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон бо ҳисоби ҷолибияти муҳити минтақа аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин самт, муаллиф тавассути маълумотҳои оморӣ ва сомонаҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корбарӣ намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад. Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур доктори фалсафа (PhD) дар боби якуми рисолаи илмӣ дар 3 зербоб (саҳ. 14-56) таҳқиқоти илмӣ гузаронида, ҷанбаҳои назариявӣ ва мавқеи сармоягузориҳои хориҷиро дар иқтисодиёти ин минтақа зери таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин дар боби 2-юм ва 3-юми рисолаи илмии худ муаллиф ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асосии диссертатсияро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки бандҳои зерини тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд (саҳ. 57-148). Зеро аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон ва такмили равандҳои сармоягузории хориҷӣ дар минтақа иборат мебошад.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Муаллифи рисола дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснокро риоя намудааст: таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни

дурусти таҳқиқот, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Дар баробари ин, муаллиф дар самти баррасии вазъи сармоягузориҳои хориҷӣ ва аҳаммияти иқтисодии он ба вилояти Хатлон як қатор коркардҳои мушаххаси мубрамро истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

## 6. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асоснокунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишаванда мебошад, ҳамчун натиҷа дар семинарҳо ва конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи рисола мебошад ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Қобили қайд аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар самти таълим дар муассисаҳои олии касбӣ ва ташкилотҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

## 7. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсияи илмӣ дар шакли муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, он маҷмуан дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ, ки дар он 23 ҷадвал 5 расм 6 диаграмма ва 2 замима инъикос ёфтаанд, таҳия шудааст.

Доктори фалсафа (PhD) Давлатзода Дилшод Шералӣ вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва таҳқиқи мавзуи баррасишаванда ҷиҳатҳои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дуруст баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

Доктори фалсафа (PhD) дар боби аввали диссертатсия «Масъалаҳои консептуалии ташаккулёбии сармоягузориҳои хориҷӣ» заминаҳои таърихии пайдоиши истилоҳи сармоягузорӣ, андешаҳои мактабҳои иқтисодӣ оиди назарияи сармоягузорӣ, бозори сармоя ва таснифоти унсурҳои таркибии он, объектҳои мушаххаси сармоягузорӣ ва механизми сармоягузорӣ ба онҳо ва хусусиятҳои хоси низоми марбутаро мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки чунин муваффақиятҳо натиҷаи заҳматҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар ин боб ва зербобҳои алоҳидаи он, муаллифи рисолаи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии равандҳои ҷалби сармои хориҷӣ ва таъсири мусбии онро ба рушди иқтисодиёт мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Дар ин боби рисола муаллиф ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ ва низоми сармоягузории хориҷиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, як қатор натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Дар зербоби якуми боби аввали рисола муаллиф вобаста ба мушаххасоти назариявии назарияи сармоягузориро аз нуқтаи назари мактабҳои иқтисодӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, вобаста ба ин андешаҳои худро оид ба мушаххасоти масъала ҳамчун натиҷаи иловагӣ манзур намудааст (саҳ. 19-21). Ҳамчунин дар зербоби дуюми боби аввал вобаста ба муайян намудани мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар низоми иқтисодиёти минтақа, дараҷаи таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ дар самтҳои афзалиятноки иқтисодияти минтақа таҳқиқу баррасӣ гардида, дар ин асос муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки нишондиҳандаҳои онро ба таври зарурӣ дар рисолаи илмӣ дидан мумкин аст (саҳ. 32-33).  .

Дар ин замина муаллифи рисолаи илмӣ дар самти мусоидат ба беҳтарсозии низоми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ омӯзиши хусусиятҳои асосии таъсири сиёсати давлатии кишварро ба низоми сармоягузории хориҷии кишвар зарур ҳисобида, марҳилаҳои сиёсати соҳавии сармоягузориро таҳия намудааст.

Дар боби дуюм бошад, муаллифи рисолаи илмӣ «Таҳлили тамоюли рушд ва ҳолати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон» бо иловаи таҳлили ҳолати муосири ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба вилояти Хатлон, ҷолибияти минтақаро барои сармоягузориҳои хориҷӣ арзёбӣ намудааст, ки дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки доктори фалсафа (PhD) дар ин боб як қатор иқтидорҳои вилояти Хатлон (аз қабили: иқтидори захираҳои табиии минтақа)-ро таҳқиқ намуда, зарурати сармоягузории калон, технологияҳои муосир ва мутахассисони баландихтиссосро ҷиҳати татбиқи чунин иқтидорҳо таҳия ва таъсири мутақобилаи онро ба як қатор нишондиҳандаҳо аз қабили: тамоюли тағйирёбии шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023, саҳми вилояти Хатлон дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023, истеҳсоли пахтаи хом ва маҳсулоти пахтагин дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023, истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023, Саршумори чорво ва паранда ва истеҳсоли маҳсулоти чорво дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015–2023, ки амалкардҳои илмии муаллифи рисола қобили дастгирӣ мебошанд, оварда шудааст (саҳ. 57-71).

Ҳамзамон дар зербоби дуюм ва сеюми боби дуюми рисола муаллиф сараввал вазъи ҷалби сармоягузории хориҷиро ба вилояти Хатлон таҳлил намуда, сипас ба арзёбии дараҷаи таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ (аз

ҷумла: сармоягузориҳои мустақим) ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа машғул шуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст (саҳ. 71-100).

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ, муаллиф ба масъалаҳои асосии «Самтҳои такмилдиҳии равандҳои сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон» таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳолати заминаҳои ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инфрасохтори минтақа ва захираҳои гидроэнергетикӣ ва тамоюли ҷойдоштаи соҳаҳои афзалиятноки вилояти Хатлонро таҳқиқ намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ва муваффақиятҳои илмӣ ноил гардидааст, ки ба андешаи мо ин дастоварди илмии муаллифи рисола мебошад. Дар илова бо ин гуфтан мумкин аст, ки доктори фалсафа (PhD) Давлатзода Дилшод Шералӣ гуфтаҳои мазкурро бо масъалаҳои муҳими зерин асоснок намудааст: имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Кӯлоб», «Панҷ» ва «Данғара»-ро дар минтақа, муаммоҳои ҷойдошта дар рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон ва усулҳои бартарафсозии муаммоҳои ҷойдошта дар он, унсурҳои инфрасохтори индустриалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон, нақши давлат дар самти мубориза бар зидди муммоҳои сармоягузорӣ, аҳаммияти хислатҳои шарикӣ дар ҳалли муаммоҳои муосири минтақа, самтҳои афзалиятноки фаъолияти кишвар дар соҳаи рушди фазои сармоягузорӣ ва ғайраҳо мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар ҳамин замина низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо ҳамин мақсад дастовардҳои муаллиф вобаста ба масъалаҳои баррасигардида қобили қабул ва дастгирӣ мебошанд.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертасионии доктори фалсафа (PhD) дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан корҳои илмии интишоргардида тибқи талаботҳои мавҷуда мухтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия**

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025», Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Дар умум диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матни он аз тарафи доктори фалсафа (PhD) Давлатзода Дилшод Шералӣ инъикос гардидаанд, ки пурра муваффақиятҳои он маҳсуб меёбанд. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва ҳамзамон дар хулоса, пешниҳодҳо ва замимаҳо, натиҷаҳои муваффақиятомези муаллифро мушоҳида намудан мумкин аст.

## 10. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Вобаста ба таҷриба дар баъзе ҳолатҳо камбудию норасоиро низ асоси пешрафти корҳо меноманд, ки он боиси тақвияти ин ё он соҳаи муайян мегардад. Албатта дар самти таҳқиқотҳои илмӣ низ чунин норасоиҳо метавонанд ба афзудани малака ва маҳорати таҳқиқотчӣ барои бознигарии ин ё он соҳа мусоидат намояд. Вобаста ба ин, хотиррасон бояд намуд, ки муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии доктори фалсафа (PhD) дар доираи мавзуъ ва дар шароити имрӯза дорои арзиши баланди илмӣ буда, ҳамчунин дорои як қатор норасоӣ ва камбудиҳо низ мебошанд, ки дар сурати баинобатгирии онҳо мумкин буд то рисолаи илмӣ моҳиятан дигаргун шавад ва онҳо иборатанд аз:

1. Дар зербоби аввали боби якуми рисола муаллиф бештар ба ақидаи олимони хориҷӣ такя намудааст, аммо нуқтаи назари олимони ватанӣ дар ҳамин масъала кам ба назар мерасад.
2. Бо таҳлили ҷалби сармояи хориҷӣ дар вилоят хуб мебуд, агар самтҳои истифодаи онро пурратар шарҳ медод.
3. Дар зербоби 2.2. дар шакли диаграммаи 2.1. воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба вилояти Хатлон дар дар давоми солҳои 2015-2023 арзёбӣ гардидаст, вале дар он сабабҳои коҳишёбии нишондиҳандаи мазкур дар соҳои охир (аниқтараш, солҳои 2022-2023) мушаххас пешниҳод нагардидааст, хуб мебуд агар он аз ҷониби муаллиф пурратар арзёбӣ мегардид.
4. Дар зербоби 3.2. дар шакли ҷадвали 3.5, номгӯй ва тавсифи мушкилиҳои асосие, ки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа монеа мешаванд, ҷамъоварӣ гардидаанд, вале дар шарҳи ҷадвал роҳҳои ҳалли

мушкилоти мазкур пурра шарҳи худро наёфтаанд, хуб мебуд агар он аз ҷониби муаллиф таҷдиди назар мегардид.
Тавре дар оғози хулоса баён намудаем норасоиву камбудиҳои ошкоргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва арзиши баланди илмии он таъсир намерасонанд.

**11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Таҳқиқоти анҷомдодашударо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия дар худ таркибу мундариҷа ва навгонии илмиро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии роҳҳои ҷалби сармоягузории хориҷиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба вилояти Хатлон ифода менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ буда ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
------------------------------------------------ Холов Т.А.

Имзои Холов Т.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав ________________ Нажмидинов М.М.
«____»__________соли 2026

Ҷ.М.

Суроғаи донишгоҳ: 735140,Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.Бохтар,кӯчаи Айнӣ 67
Телефон: (83222) 25481,22253
Email:bgu-1978@mail.ru
Веб-сайт:WWW.btsu.tj